# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи лоиҳаи Протокол оид ба ҳифзи намунаҳои саноатӣ ба Конвенсияи патентии Авруосиёгӣ аз 9 сентябри соли 1994

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Лоиҳаи Протокол оид ба ҳифзи намунаҳои саноатӣ ба Конвенсияи патентии Авруосиёгӣ аз 9 сентябри соли 1994 маъқул дониста шавад.

2. Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Протоколи мазкурро аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонад ва ҳангоми зарурат ба матни он таҳйиру иловаҳои хусусияти муҳимнадоштаро ворид намояд.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида бо Идораи патентии Авруосиёгӣ сана ва маҳалли ба имзо расонидани Протоколи мазкурро мувофиқа намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон   Эмомалӣ Раҳмон

аз 1 октябри соли 2019 № 462

ш.Душанбе

Лоиҳа

# ПРОТОКОЛ БА КОНВЕНСИЯИ ПАТЕНТИИ АВРУОСИЁГӢ АЗ 9 СЕНТЯБРИ СОЛИ 1994 ДАР БОРАИ ҲИФЗИ НАМУНАҲОИ САНОАТӢ

Давлатҳои иштирокчии Протоколи мазкур (минбаъд - Давлатҳои аҳдкунанда) дар шахсияти ҳукуматҳо,

зарурати васеъкунии низоми авруосиёгии ҳифзи объектҳои моликияти саноатиро дар назар гирифта,

бо кӯшиши таъсис додани низоми байнидавлатии ҳифзи намунаҳои саноатӣ дар асоси патенти ягонаи авруосиёгии дар ҳудуди ҳамаи Давлатҳои аҳдкунанда амалкунанда,

бо мақсади рушди бозорҳои дохилии Давлатҳои аҳдкунанда ва баланд бардоштани ҷозибияти ҳудудҳои онҳо барои рушди савдо ва фаъолияти сармоягузорӣ ба мувофиқаи зерин омаданд:

## ҚИСМИ I МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1 Вазъи Протокол

(1) Протоколи мазкур созишномаи махсусро мутобиқи моддаи 19 Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ аз 20 марти соли 1883 (минбаъд - Конвенсияи Париж) ифода мекунад.

(2) Бо Протоколи мазкур Давлатҳои аҳдкунанда вазифаҳои Ташкилоти патентии Авруосиёгиро (минбаъд - Ташкилот) дар соҳаи ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ, ки бо Конвенсияи патентии Авруосиёгӣ аз 9 сентябри соли 1994 (минбаъд - Конвенсия) пешбинӣ шудаанд, васеъ менамоянд.

(3) Протоколи мазкур ба ҳуқуқҳои ҳар Давлати аҳдкунанда оид ба додани патентҳои миллӣ ё ҳуҷҷатҳои муҳофизатии дигар нисбати намунаҳои саноатӣ дахолат намекунад.

### Моддаи 2 Низоми патентии Авруосиёгӣ

(1) Низоми патентии Авруосиёгӣ, ки тибқи моддаи 1 (1) Конвенсия таъсис дода шудааст ва Ташкилот бо ҳамаи мақомоти худ, ки тибқи моддаи 2 (1) Конвенсия таъсис дода шудаанд, нисбати ҳифзи ихтироъ, ки мутобиқи Конвенсия пешниҳод карда мешавад ва нисбати ҳифзи намунаҳои саноати, ки мутобиқи Протоколи мазкур пешниҳод карда мешавад, амал мекунанд.

(2) Барои мақсадҳои ҳифзи намунаҳои саноатӣ ҳудуде, ки дар он Конвенсия амал мекунад, ҳудуди Давлатҳои аҳдкунанда эътироф карда мешавад.

(3) Ташкилот ҳуқуқ дорад, бо қарори Шӯрои маъмурии Ташкилот, ки бо овози якдилонаи намояндагони ваколатдори (муовинони онҳо) ҳамаи Давлатҳои аҳдкунанда қабул шудааст, иштирокчии шартномаи байналмилалии пешбиникунандаи бақайдгирии байналмилалии намунаҳои саноатӣ гардад. Бо вуҷуди ин, ҷузъиёти ба расмиёти дар доираи низоми авруосиёгии ҳифзи намунаҳои саноатӣ истифодашаванда дахлдошта бо Дастурамали патентӣ ба Конвенсия муқаррар карда мешаванд.

## ҚИСМИ II МЕЪЁРҲОИ МОДДИИ ҲУҚУҚ НИСБАТ БА НАМУНАҲОИ САНОАТӢ

### Моддаи 3 Намунаҳои саноатии патентпазир

(1) Намунаи саноатие, ки ба он ҳифзи ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, ҳалли намуди зоҳирии маҳсулоти саноатӣ ё косибӣ - ҳунармандӣ эътироф карда мешавад, ки мутобиқи Дастурамали патентӣ ба Конвенсия патентпазир мебошад.

(2) Ба ҳалҳои зерин ҳамчун намунаи саноатӣ ҳифзи ҳуқуқӣ дода намешавад, агар:

(i) ҳадди аққал дар яке аз Давлатҳои аҳдкунанда хилофи манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои инсондӯстӣ ва ахлоқӣ бошад;

(ii) рамзҳои расмӣ (аз ҷумла рамзҳо ва нишонҳои давлатӣ), номҳои ихтисоршуда ё пурраи ташкилотҳои байналмилалӣ ё байниҳукуматиро бе розигии мақомоти салоҳиятдори давлатҳо, ташкилотҳое манфиатҳояшон дахл карда мешавад дар бар мегиранд, муаррифӣ ва ё пайравӣ кунанд;

(iii) номҳои расмӣ ё тасвирҳои объектҳои мероси фарҳангӣ (аз ҷумла этникӣ ва динӣ), қисмҳои шинохташавандаи онҳоро бе ризоияти мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои аҳдкунандае, ки манфиатҳои онҳо дахл карда мешавад, дар бар мегиранд, муаррифӣ ва ё пайравӣ кунанд.

Номгӯйи ҳалҳо ва объектҳои дигаре, ки ба онҳо ҳамчун намунаи саноатӣ ҳифзи ҳуқуқӣ дода намешавад, бо Даструамали патентӣ ба Конвенсия муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 4 Шахсоне, ки ҳуқуқи гирифтани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатиро доранд

(1) Ҳуқуқ ба гирифтани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ба муаллифи намунаи саноатӣ тааллуқ дорад, яъне ба шахси воқене, ки бо меҳнати эҷодии ӯ намунаи саноатӣ офарида шудааст ё ба вориси ҳуқуқии ӯ.

Мансубияти ҳуқуқ ба гирифтани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ, ки аз ҷониби муаллиф дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ ё шаҳрвандӣ - ҳуқуқӣ офарида шудааст, мутобиқи қонунгузории давлате муайян карда мешавад, ки чунин муносибатҳоро танзим менамояд.

(2) Барои мақсадҳои расмиёт дар Идораи патентии Авруосиёгӣ (минбаъдИдораи Авруосиёгӣ) аризадиҳанда дорои ҳуқуқ ба гирифтани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ҳисобида мешавад.

### Моддаи 5 Ҳуқуқи аввалият

Ҳуқуқи аввалият нисбат ба намунаи саноатӣ мутобиқи Конвенсияи Париж эътироф карда мешавад.

### Моддаи 6 Патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ

(1) Патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ муаллифӣ, аввалият ва ҳуқуқи истиноиро ба намунаи саноатӣ тасдиқ мекунад.

(2) Бо дар назар доштани муқаррароти Протоколи мазкур патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ дар як вақт дар ҳудуди ҳамаи Давлатҳои аҳдкунанда амал мекунад.

### Моддаи 7 Ҳаҷми ҳифзи ҳуқуқии намунаи саноатӣ

Ҳаҷми ҳифзи ҳуқуқии бо патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ пешниҳодшаванда бо маҷмӯи аломатҳои асосии намунаи саноатӣ, ки дар тасвирҳои маҳсулот инъикос ёфтаанд, муайян карда мешавад.

### Моддаи 8 Мухлати амали патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ

(1) Муҳлати амали патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ аз санаи пешниҳод намудани ариза барои додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ (минбаъд - аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ) панҷ солро ташкил медиҳад.

(2) Муҳлати амали патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ метавонад бо дархости дорандаи патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ нисбат ба ҳудуди ҳамаи Давлатҳои аҳдкунанда, ки дар онҳо патент амал мекунад, ҳар дафъа барои панҷ сол тамдид карда шавад. Бо вуҷуди ин, муҳлати умумии амали патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ набояд аз бисту панҷ сол аз санаи пешниҳоди аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ зиёд бошад.

Муҳлати амали патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ бо шарти пардохт намудани боҷи дахлдор ба Идораи патентии Авруосиёгӣ тамдид карда мешавад.

## Моддаи 9 Ҳуқуқ ба намунаи саноатӣ

(1) Ба муаллифи (ҳаммуаллифони) намунаи саноатӣ, ки нисбати он патенти Авруосиёгӣ дода шудааст, ҳуқуқи муаллифӣ, яъне ҳуқуқи муаллифи намунаи саноатӣ эътироф шудан тааллуқ дорад.

(2) Ба дорандаи патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ҳуқуқи истисноие тааллуқ дорад, ки дар доираи он ҳуқуқи истифодабарии намунаи саноатӣ, инчунин ҳуқуқи иҷозат додан ё манъ кардани шахсони дигар дар истифодабарии намунаи саноатӣ фаҳмида мешавад.

Амалҳое, ки нисбат ба намунаи саноатӣ иҷро мешаванд ва истифодабарии он дониста мешаванд, мутобиқи қонунгузории Давлатҳои аҳдкунанда муайян карда мешаванд.

Дорандаи патенти Авруосиёгӣ дар давраи амали патент метавонад аз санаи нашри маълумот дар бораи додани он дар нашрияи расмии Идораи Авруосиёгӣ сар карда, ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатиро ихтиёрдорӣ намояд.

## Моддаи 10 Ихтиёрдории ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатӣ. Гузариши ҳуқуқи истисноӣ

(1) Дорандаи патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ҳуқуқи ба шахсони дигар вогузор кардани ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатӣ, тариқи шартномаи иҷозатномавӣ пешниҳод кардани ҳуқуқи истифодабарии намунаи саноатӣ, ба гарав додани ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатиро дорад.

Вогузории ҳуқуқи истисноӣ, ки бо патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ тасдиқ шудааст, ба шахси дигар танҳо нисбати ҳудуди ҳамаи Давлатҳои аҳдкунандае иҷозат дода мешавад, ки патент дар он амал мекунад.

Дорандаи патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ихтиёрдории ҳуқуқи истисноиро бо тарзи дигар нисбати Давлати аҳдкунандаи алоҳида дорад, агар мутобиқи қонунгузории Давлати аҳдкунандаи дахлдор чунин идоракунӣ иҷозат дода шуда бошад.

(2) Ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатӣ тибқи тартиби дигари ворисӣ танҳо ба шакли пурра метавонад ба мерос гузарад.

(3) Бақайдгирии гузариши ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатӣ, аз ҷумла дар ҳолати вогузории он аз рӯйи шартнома, инчунин бақайдгирии гарави ин гуна ҳуқуқи истисноӣ бо Идораи Авруосиёгӣ иҷро карда мешавад.

Бақайдгирии шартномаи иҷозатномавӣ, инчунин шартномаи дар асоси қисми сеюми банди (1) моддаи мазкур мутобиқи қонунгузории Давлати аҳдкунанда басташуда аз ҷониби идораи патентии миллии Давлати аҳдкунандае анҷом дода мешавад, ки нисбати ҳудуди он шартномаи дахлдор баста шудааст.

## Моддаи 11 Беътибор донистани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ

(1) Патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ метавонад аз ҷониби Идораи Авруосиёгӣ тибқи тартиби бекоркунии маъмурӣ аз рӯйи асосҳо ва бо тартиби пешбининамудаи Протоколи мазкур ва Дастурамали патентӣ ба Конвенсия ва ё аз ҷониби мақомоти судӣ ё салоҳиядори дигари Давлатҳои аҳдкунанда аз рӯйи асосҳои бо Протоколи мазкур ва Дастурамали патентӣ ба Конвенсия пешбинишуда тибқи тартиби бо қонунгузории Давлати аҳдкунандаи дахлдор пешбинигашта беэътибор дониста шавад.

Эътироз оид ба беэътибор донистани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ тибқи тартиби бекоркунии маъмурӣ метавонад аз ҷумла аз ҷониби идораи миллӣ пешниҳод карда шавад, агар ҳуқуқи идораи миллӣ барои пешниҳоди эътироз бо қонунгузории Давлати аҳдкунандаи дахлдор пешбинӣ шуда бошад.

(2) Қарори Идораи Авруосиёгӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои баррасии эътироз оид ба беэътибор донистани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ тибқи тартиби бекоркунии маъмурӣ қабул карда шудааст, метавонад бо тартиб ва мухлатҳои бо Дастурамали патентӣ ба Конвенсия муқарраршуда эътироз карда шавад.

Қарори Идораи Авруосиёгӣ дар бораи беэътибор донистани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ бо гузаштани муҳлати эътирози он, ки бо Дастурамали патентӣ ба Конвенсия муқаррар шудааст, мавриди амал қарор гирифта, нисбати ҳудуди ҳамаи Давлатҳои аҳдкунанда амал мекунад.

(3) Қарордар бораи беэътибор донистани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ, ки аз ҷониби мақомоти судӣ ё салоҳиятдори дигари Давлатҳои аҳдкунанда қабул шудааст, метавонад бо тартиб ва муҳлатҳои бо

қонунгузории Давлати аҳдкунандаи дахлдор муқаррагардида эътироз карда шавад. Қарори мутобиқи банди мазкур қабулшуда бо гузаштани муҳлати эътирози он мавриди амал қарор гирифта, нисбати ҳудуди Давлати аҳдкунандае амал мекунад, ки аз ҷониби мақомоти судӣ ва дигари салоҳиятдори он қабул шудааст.

Давлати аҳдкунанда Идораи Авруосиёгиро дар бораи қарори қабулшуда оид ба беэътибор донистани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ хабардор мекунад.

Аз лаҳзаи қувваи қонунӣ пайдо кардани қарор дар бораи беэътибор донистани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ, ки аз ҷониби мақомоти судӣ ё салоҳиятдори дигари Давлати аҳдкунанда қабул шудааст, ҳифзи ҳуқуқии ягонаи намунаи саноатӣ қатъ мегардад.

Зимнан патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ амали худро дар ҳудуди Давлатҳои аҳдкунандае, ки нисбати онҳо ин гуна қарор қабул нашудааст, нигоҳ медорад.

(4) Мақомоти судӣ ё салоҳиятдори дигари Давлатҳои аҳдкунанда, ки баҳсҳоро оид ба эътиборнокии патенти Авруосиёгӣ баррасӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд, ки пешниҳод намудани тарҷумаи патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатиро бо забони давлатии Давлати аҳдкунандаи дахлдор талаб кунанд.

## Моддаи 12 Баҳсҳои бо ҳимояи ҳуқуқҳо алоқаманд

(1) Баҳсҳои бо ҳимояи ҳуқуқҳо алоқаманд, ки мутобиқи Протоколи мазкур ва Дастурамали патентӣ ба Конвенсия пешниҳод мегарданд, ба истиснои баҳсҳое, ки бо моддаҳои 11 ва 14 Протоколи мазкур пешбинӣ шудаанд, дар асоси меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии ҳуқуқии Давлати аҳдкунандае, ки дар ҳудуди он ҳифзи ин ҳуқуқҳо дархост карда мешавад, ҳал карда мешаванд.

(2) Мақомоти судӣ ё салоҳиятдори дигари Давлатҳои аҳдкунанда, ки баҳсҳоро мутобиқи банди (1) моддаи мазкур баррасӣ мекунанд, ҳуқуқи талаби пешниҳоди тарҷумаи патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатиро ба забони давлатии Давлати аҳдкунандаи дахлдор доранд.

# ҚИСМИ III МЕЪЁРҲОИ ТАРТИБИИ ҲУҚУҚ НИСБАТ БА НАМУНАҲОИ САНОАТӢ

## Моддаи 13 Аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ

(1) Аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ба Идораи Авруосиёгӣ пешниҳод карда мешавад, ба ҳайр аз ҳолатҳое, ки бо банди (2) моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд.

(2) Аризадиҳандагони Давлати аҳдкунанда аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатиро ба воситаи Идораи миллӣ пешниҳод менамоянд, агар ин бо қонунгузории Давлати аҳдкунандаи мазкур пешбинӣ шуда бошад. Аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ, ки ба воситаи Идораи миллӣ пешниҳод шудааст, тавре ки он дар ҳамон як рӯз ба Идораи Авруосиёгӣ пешниҳод шуда бошад, ҳамон як оқибатҳоро дорад, ба шарте ки он аз ҷониби Идораи миллӣ ба Идораи Авруосиёгӣ дар муҳлати бо Дастурамали патентӣ ба Конвенсия муқарраршуда фиристонида шавад.

(3) Ҳангоми бевосита ба Идораи Авруосиёгӣ пешниҳод кардани аризаи Авруосиёгӣ боҷи ягонаи корбарӣ ба Идораи Авруосиёгӣ пардохт карда мешавад.

Ҳангоми ба воситаи Идораи миллӣ пешниҳод кардани аризаи авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ба Идораи миллӣ боҷ барои коркард ва фиристонидани аризаи авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ пардохт карда мешавад, агар он бо қонунгузории Давлати аҳдкунандаи дахлдор муқаррар карда шуда бошад, ҳамзамон боҷи ягонаи корбарӣ ба Идораи Авруосиёгӣ пардохт карда мешавад.

(4) Ҳуқуқ ба гирифтани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ метавонад бо тартиб ва шартҳои бо дастурамали патентӣ ба Конвенсия пешбинишуда ба шахси дигар вогузор карда шавад.

## Моддаи 14 Баррасии аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ

(1) Аз рӯи аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ Идораи Авруосиёгӣ экспертизаи пешакиро мегузаронад, ки дар рафти он риояи талабот ба ариза, шартҳо барои муайянкунии санаи пешниҳоди ариза, иҷрои шартҳои дигари ба пешниҳоди ариза дахлдошта, ки бо муқарраротӣ Протоколи мазкур ва Дастурамали патентӣ ба Конвенстия пешбинӣ шудаанд, санҷида мешавад, инчунин санҷида мешавад, ки оё намунаи саноатӣ ба ҳалҳое дахл надошта бошад, ки ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои инсондӯстӣ ва ахлоқӣ ҳадди ақал дар яке аз Давлатҳои аҳдкунанда мухолифат мекунанд.

(2) Идораи Авруосиёгӣ мутобиқи Дастурамали патентӣ ба Конвенсия аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатиро, ки аз рӯйи он экспертизаи пешакӣ бо натиҷаи мусбӣ анҷом ёфтааст, нашр мекунад ва аз рӯи он экспертизаи моҳиятӣ мегузаронад.

(3) Нисбати аризаи авруосиёгии нашршуда ба намунаи саноатӣ ба Идораи Авруосиёгӣ, аз он ҷумла бо Идораи миллӣ, агар ин бо қонунгузории Давлати аҳдкунандаи дахлдор пешбинӣ шуда бошад, метавонад эътироз

зидди додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ бо асосҳои бо Протоколи мазкур ё Дастурамали патентӣ ба Конвенсия муқарраршуда пешниҳод карда шавад.

Тартиб ва мухлатҳои пешниҳод ва баррасии эътирозҳо зидди додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ бо Дастурамали патентӣ ба Конвенсия муқаррар карда мешаванд.

(4) Қарор дар бораи додан ё рад кардани додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ аз ҷониби Идораи Авруосиёгӣ бо дар назар доштани натиҷаҳои баррасии эътирозномаҳои зидди додани патенти Авруосиёгӣ, ки ба Идораи Авруосиёгӣ ворид шудаанд, қабул карда мешавад.

(5) Қарори Идораи Авруосиёгӣ, аз ҷумла қарор дар бораи додан ё рад кардани додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ, метавонад аз ҷониби аризаи бо роҳи пешниҳод кардани аризаи норизоӣ ба Идораи Авруосиёгӣ бо тартиб ва мухлатҳи бо Дастурамали патентӣ ба Конвенсия муқарраршуда эътироз карда шавад.

## Моддаи 15 Бақайдгирии намунаи саноатӣ ва додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ

(1) Дар асоси қарор дар бораи додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ Идораи Авруосиёгӣ намунаи саноатиро дар феҳристи патентҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ ба қайд мегирад.

(2) Таркиби маълумоте, ки ба феҳристи патентҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ дохил карда мешавад ва тартиби пешбурди феҳристи номбурда бо Дастурамали патентӣ ба Конвенсия муайян карда мешаванд.

(3) Идораи Авруосиёгӣ маълумотро дар бораи додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ дар нашрияи расмии Идораи Авруосиёгӣ нашр мекунад. Таркиби маълумоти нашршаванда ва мухлатҳои нашр бо Дастурамали патентӣ ба Конвенсия муқаррар карда мешаванд.

(4) Идораи Авруосиёгӣ ба аризаи патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатиро пас аз нашр гардидани маълумот дар бораи додани он бе таъхир медиҳад.

(5) Бақайдгирии намунаи саноатӣ, нашри маълумот дар бораи додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ва додани патент ба намунаи саноатӣ аз ҷониби Идораи Авруосиёгӣ бо шарти пардохт шудани боҷи дахлдор аз ҷониби аризадиҳанда анҷом дода мешавад.

(6) Иқтибосҳо аз феҳристи патентҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ, ки бо мақсади пешниҳод кардани онҳо дар яке аз Давлатҳои аҳдкунанда дархост карда мешаванд, аз ҳар гуна қонунигардонӣ озод карда мешаванд.

## Моддаи 16 Намояндагӣ

(1) Ҳар гуна шахсе, ки ҳуқуқи дар назди Идораи миллӣ намоянда буданро дорад ва дар Идораи Авруосиёгӣ ба сифати намояндаи патентӣ ба қайд гирифта шудааст, метавонад ҳамчун намоянда дар назди Идораи Авруосиёгӣ баромад кунад (минбаъд - намояндаи патентӣ).

(2) Ариза, инчунин дорандаи патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ, ки дар ҳудуди ягон Давлати аҳдкунанда ҷойи истиқомати доимӣ ё ҷойгиршавии доимиро надоранд, бояд ба воситаи намояндаи патентӣ муаррифӣ шаванд.

(3) Аризадиҳандае, ки ҷойи истиқомати доимӣ ё ҷойгиршавии доимиро дар ҳудуди ҳар яке аз Давлатҳои аҳдкунанда дорад, метавонад аризаҳои авруосиёгиро ба намунаи саноатӣ пешниҳод кунад, инчунин корҳоро бо Идораи Авруосиёгӣ оид ба чунин аризаҳо ва патентҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ пеш барад:

(i) мустақилона;

(ii) ба воситаи намояндаҳои патентӣ;

(iii) ба воситаи намояндаҳое, ки намояндаҳои патентӣ намебошанд.

## Моддаи 17 Табдилдиҳии аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ба аризаи миллӣ

(1) То гузаштани мухлати шаш моҳ аз санаи фиристонидани қарор дар бораи рад кардани додани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи санъатӣ ё қарор дар бораи рад кардани қонеъгардонии эътирози барои чунин қарор додашуда аз ҷониби Идораи Авруосиёгӣ аризадиҳанда метавонад ба Идораи Авруосиёгӣ дархостро бо ишора намудани Давлатҳои аҳдкунандае, ки дар онҳо мехоҳад патент ба намунаи саноатиро тибқи низоми миллӣ ба даст орад, пешниҳод кунад.

(2) Дар ҳар як Давлати аҳдкунандаи бо чунин тарз ишорашуда аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ, ки нисбати он чунин қарор қабул шудааст ва мавзӯи чунин дархост мебошад, аризаи дуруст тартибдодашудаи миллии ба Идораи миллӣ пешниҳодшуда бо ҳамон як санаи пешниҳод ва агар чунин бошад, санаи авлавият, ҳамчун аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ бо ҳамаи оқибатҳое, ки бо қонунгузории миллии Давлати аҳдкунандаи дахлдор пешбинӣ шудааст, ба ҳисоб меравад ва ба расмиёти минбаъда дар Идораи миллӣ воҷиб мебошад, ба шарте ки аризадиҳанда ба Идораи миллӣ боҷҳои талабшавандаи миллиро пардохт менамояд.

## Моддаи 18 Боҷҳо

(1) Барои анҷомдиҳии амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок, ки нисбати аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ё патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ мутобиқи муқаррароти Протоколи мазкур ва Дастурамали патентӣ ба Конвенсия анҷом дода мешаванд, ба Идораи Авруосиёгӣ боҷҳо пардохт карда мешаванд, ки бо дар назар доштани бандҳои (2) ва (3) моддаи мазкур ба Ташкилот тааллуқ доранд.

(2) Боҷ барои коркард ва фиристонидани аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ба Идораи Авруосиёгӣ, ки дар моддаи 13 (3) Протоколи мазкур зикр шудааст, ба идораи миллӣ, ки аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ба он пешниҳод карда шудааст, пардохт карда мешавад ва тааллуқ дорад.

(3) Боҷҳое, ки ба Идораи Авруосиёгӣ мутобиқи моддаҳои 8 (2) ва 15 (5) Протоколи мазкур пардохт карда мешаванд, дар байни Ташкилот ва Давлатҳои аҳдкунанда мутобики қарори Шӯрои маъмурии Ташкилот, ки аз ҷониби аксарияти аз се ду ҳиссаи намояндаҳои ваколатдори Давлатҳои аҳдкунанда (муовинони онҳо), ки дар овоздиҳӣ иштирок мекунанд, қабул шудааст, тақсим карда мешаванд. Зимнан дар ихтиёри Ташкилот бояд на кам аз панҷ як ҳиссаи боҷи зикршуда боқӣ монад, қисми боқимондаи он ба идораҳои миллии дахлдор интиқол дода мешавад.

## ҚИСМИ IV ДАСТУРАМАЛИ ПАТЕНТӢ БА КОНВЕНСИЯ

### Моддаи 19 Муқаррароти умумӣ

Дастурамали патентӣ ба Конвенсия, ба ҳайр аз тафсилоте, ки дар моддаҳои 14 ва 19 Конвенсия муайян шудааст, тафсилотеро дар бар мегирад, ки ба меъёрҳои моддӣ ва тартибии ҳуқук оид ба намунаҳои саноатии мутобиқи Протоколи мазкур ҳифзшаванда дахл доранд.

### Моддаи 20 Меъёрҳои моддии ҳуқуқ

Дастурамали патентӣ ба Конвенсия тафсилоти мутаалиқ ба меъёрҳои моддии ҳуқуқро, ки дар қисми II Протоколи мазкур муқаррар шудаанд, дар бар мегирад, аз ҷумла:

(i) талабот ба намунаи саноатӣ ва шартҳои патентпазирии он;

(ii) ҳолатҳое, ки ба эътирофи патентпазир донистани намунаи саноатӣ мамониат намекунанд;

(iii) ворисии ҳуқуқӣ нисбати аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ;

(iv) вогузории ҳуқуқ ба гирифтани патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ;

(v) ҳуқуқи авлавият;

(vi) ҳифзи ҳуқуқии муваққатӣ;

(vii) ҳаҷми ҳифзи ҳуқуқии намунаи саноатӣ;

(viii) ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатӣ;

(ix) ворисии ҳуқуқ нисбати патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ;

(x) шартнома дар бораи вогузории ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатӣ, шартномаи иҷозатномавӣ ва шартномаҳои дигар дар соҳаи гардиши ҳуқуқи истисноӣ ба намунаи саноатӣ;

(xi) воқеияти патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ, асосҳои беэътибор донистани он.

### Моддаи 21 Меъёрҳои мурофиавии ҳуқуқ

Дастурамали патентӣ ба Конвенсия тафсилотеро дар бар мегирад, ки ба меъёрҳои мурофиавии ҳуқуқӣ бо қисми III Протоколи мазкур муайяншуда дахл доранд, аз ҷумла:

(i) талабот ба шакл, таркиб, мӯҳтавои аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ;

(ii) коргузорӣ оид ба аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ ва патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ;

(iii) талабот ба намояндаҳои патентӣ, тартиби аттестатсия ва бақайдгирии онҳо;

(iv) муайянкунии санаи пешниҳоди аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ;

(v) ҳисобкунии мухлат, оқибатҳои гузаронидани он, шартҳо ва тартиби давомдиҳии коргузорӣ ва барқароркунии ҳуқуқҳо;

(vi) дархости авлавият;

(vii) тартиб ва мухлатҳои пардохти боҷҳо;

(viii) воридкунии тағйирот ва ислоҳот ба аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ;

(ix) экспертизаи аризаи Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ, аз ҷумла пешакӣ ва моҳиятӣ, қарорҳои аз рӯйи натиҷаҳои онҳо қабулшаванда, инчунин пешниҳод ва баррасии эътирозҳо;

(x) ҳуҷҷатҳо ва хизматрасониҳои иттилоотии Идораи Аувруосиёгӣ нисбати намунаҳои сноатӣ;

(xi) бақайдгирии намунаҳои саноатӣ дар феҳристи патентҳои Авруосиёгӣ, таркиби маълумоте, ки ба феҳристи зикршуда ворид карда мешавад, тартиби пешбурди он ва пешниҳодкунии иқтибосҳо аз он;

(xii) додани патентҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ;

(xiii) нашри маълумот дар бораи аризаҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ ва патентҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ;

(xiv) нашрияи расмии Идораи Авруосиёгӣ дар бахши намунаҳои саноатӣ;

(xv) тартиби беэътибор донистани патентҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ;

(xvi) табдилдиҳии аризаҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ ба аризаҳои миллӣ;

(xvii) тамосҳои Идораи Авруосиёгӣ дар бахши намунаҳои саноатӣ бо аризадиҳандагон, дорандагони патентҳои Авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатӣ, намояндагону шахсони дигар ва тартиби шиносшавии шахсони зикршуда бо ҳуҷҷатҳои Идораи Авруосиёгӣ дар қисми намунаҳои саноатӣ.

## ҚИСМИ V МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 22 Имзокунӣ. Эътибор пайдо кардани Протокол

(1) Протоколи мазкур бо забони русӣ имзо карда мешавад.

(2) Аъзогӣ дар Протоколи мазкур барои ҳар давлати узви Созмони Милали Муттаҳид, ки бо Конвенсия, инчунин бо Конвенсияи Париж алоқаманд аст, кушода мебошад.

Барои иштирокчии Протоколи мазкур шудан давлат бояд ё Протоколро имзо кунад ва ба маҳфуздоранда барои нигоҳдорӣ ҳуҷҷати тасдиқро супорад ё ба маҳфуздоранда барои нигоҳдорӣ санадро дар бораи ҳамроҳшавӣ супорад.

Протоколи мазкур барои имзокунӣ пас аз қабулшавиаш дар конфронси байналмилалӣ дар шаҳри Нур-Султони Ҷумҳурии Қазоқистон ва пас дар қароргоҳи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ то эътибор пайдо кардани он кушода аст.

Протоколи мазкур барои ҳамроҳшавии давлати дилхоҳ, ки дар қисми якуми банди мазкур зикр шудааст ва Протоколро имзо накардааст, кушода аст.

(3) Нисбати Протоколи мазкур ҳеҷ гуна эзоҳҳо иҷозат дода намешаванд.

(4) Протоколи мазкур нисбати се давлати якуми онро тасдиқнамуда ё ба он ҳамроҳшуда пас аз се моҳ баъди аз ҷониби давлати сеюм ба маҳфуздоранда барои нигоҳдорӣ супоридани яке аз ҳуҷҷатҳои зикршуда эътибор пайдо мекунад. Нисбати ҳар давлати дигар Протоколи мазкур пас аз се моҳ баъд аз барои маҳфуздорӣ супоридани ҳуҷҷати тасдиқи худ ё ки барои нигоҳдорӣ супоридани санад дар бораи хамроҳшавӣ эътибор пайдо мекунад. Зимнан патенти Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ дар ҳудуди чунин давлат амал екунад, агар аризаи дахлдори Авруосиёгӣ ба намунаи саноатӣ пас аз эътибор пайдо кардани Протоколи мазкур нисбати ин давлат пешниҳод шуда бошад.

### Моддаи 23 Муқаррароти гузариш

То он вақте, ки ҳамаи давлатҳои иштирокчии Конвенсия Давлатҳои аҳдкунанда нашаванд, қарорҳои Шӯрои маъмурии Ташкилот оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти он мутобиқи моддаи 3 (3) (vi)-(ix) Конвенсия ва Протоколи мазкур дохил мешаванд, нисбати намунаҳои саноатӣ аз ҷониби намояндаҳои ваколатдори Давлатҳои аҳдкунанда (муовинони онҳо) қабул карда мешаванд.

### Моддаи 24 Танзимкунии баҳсҳо оид ба Протокол

Дар ҳолати ба вуҷуд омадани ягон баҳс дар байни Давлатҳои аҳдкунанда оид ба масъалаҳои тафсир ё истифодабарии Протоколи мазкур, Директори генералии Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ бо хоҳиши ҳар яке аз тарафҳои дар баҳс ширкаткунанда ҷиҳати ҷалби тарафҳо барои ҳалли баҳс ба сифати миёнарав баромад мекунад.

### Моддаи 25 Аз нав дида баромадани протокол

(1) Протоколи мазкур аз ҷониби Давлатҳои аҳдкунанда ҳар вақт метавонад таҷдиди назар карда шавад.

(2) Масъала дар бораи даъвати конфронси Давлатҳои аҳдкунанда бо мақсади таҷдиди назар намудани Протоколи мазкур аз ҷониби Шӯрой маъмурии Ташкилот ҳал карда мешавад. Шӯрои маъмурии Ташкилот инчунин масъалаҳоро дар бораи расмиёт ва тафсилоти дигар, ки ба таҷдиди назари Протоколи мазкур дахл доранд, ҳал менамояд.

## Моддаи 26

Бекоркунии протокол (1) Давлатҳои аҳдкунанда бо роҳи фиристонидани огоҳинома ба Директори генералии

Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ ҳуқуқи бекор кардани Протоколи мазкурро доранд.

Чунин бекоркунӣ пас аз дувоздаҳ моҳ аз рӯзи қабулкунии огоҳиномаи дахлдор аз ҷониби Директори генералии Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ эътибор пайдо мекунад.

(2) Патентҳои авруосиёгӣ ба намунаҳои саноатии бо аризаҳои то оҳози эътибори бекоркунӣ додашуда дар ҳудуди давлати беэътибордонистаи Протоколи мазкур дар давоми тамоми муҳлати амали онҳо амал мекунанд, аз ҷумла ҳолатҳои тамдидкунии чунин муҳлат, ки бо Протоколи мазкур имконпазир аст.

## Моддаи 27 Депозитарияи Протокол

Директори генералии Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ маҳфуздорандаи Протоколи мазкур мебошад.

Дар шаҳри ____________ "__"__________ соли 2019 дар як нусхаи аслӣ бо забони русӣ ба имзо расонида шуд.

**Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон (имзо)**

**Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Қирҳизистон (имзо)**

**Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Арманистон (имзо)**

**Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус (имзо)**

**Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон (имзо)**

**Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (имзо)**

**Аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Россия (имзо)**

**Аз ҷониби Ҳукумати Туркманистон (имзо)**

[хотимаи ҳуҷҷат]